# НАШРИ МАХСУС

## МАВЗӮҲОИ АСОСӢ:

- **Тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм**
- **Тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар Ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ**

## ТАСДИҚИ НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲОИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР БАХШИ ТУРИЗМ

Бахши туризм яке аз бахшҳои асосии таъминкунандаи рушди иқтисодӣ ба шумор меравад. Дар даҳсолаи охир туризм дар ҷаҳон бо вуҷуди бӯҳронҳои иқтисодиву молиявӣ, таҳаввулоти сиёсӣ ва тағйироти иҷтимоӣ бо суръати устувор рушд карда истодааст.

Тибқи омори ҷаҳонӣ, соли 2011 ҳиссаи бахши туризм дар иқтисоди глобалӣ 6,5 триллион доллари амрикоӣ ё 9,1 фоизи маҷмӯи маҳсулоти ҷаҳониро ташкил додааст ва даромади бахши туристӣ дар муддати 10 сол ба андозаи 116 фоиз афзудааст.

Шумораи туристон дар ҷаҳон аз 698 миллион нафар дар соли 2000-ум то ба 1 миллиарду 35 миллион нафар дар соли 2012 афзоиш ёфтааст.

Рушди бахши туристӣ ба ташкили ҷойҳои кории нав, рушди истеҳсолот ва зиёдшавии воридоти асъори хориҷӣ мусоидат намуда имконияти хуби фаъолияти соҳибкорӣ барои ҳар як шахси ташаббускор фароҳам меорад.

Ғайр аз ин, рушди бахши туристӣ ба соҳаҳои дигари алоқаманд низ манфиати зиёд меорад. Тибқи таҳлилҳои мутахассисон ба ҳисоби миёна ҳар як доллари дар бахши туристӣ сарфшуда ба соҳаҳои дигари алоқаманд се доллари иловагӣ фоида оварда, аз ҳар як доллари дар бахши туристӣ харҷшуда 91 сенти он дар иқтисоди ватанӣ боқӣ мемонад.

Дар ин радиф, бояд қайд намуд, ки Тоҷикистон имкониятҳои бузурги рушди бахши туристиро доро мебошад. Аз ҷумла мавҷудияти қуллаҳои азими кӯҳҳои Помир, Роҳи бузурги абрешим, табиати нотакрор ва иқлими мусоид, фарҳангу таърихи қадима, мавзеъҳои нодири тиббиию муоличавӣ, кӯҳнавардӣ, маданияти баланди меҳмоннавозӣ, таъмини амнияти шахсӣ ва дигар омилҳо барои туристони хориҷӣ ҷолиби диққат аст.

Илова бар ин, Тоҷикистон дар қалби Осиёи Марказӣ ҷойгир буда, метавонад тавассути қаламрави худ барои рафтуомади туристон ба як қатор мамлакатҳои Аврупо, Осиёи Марказиву Ҷанубӣ ва минтақаи Укёнуси Ором мусоидат намояд ва мавқеи худро ҳамчун кишвари транзитӣ барои рушди туризми минтақавӣ устувор намояд.

Бо дарназардошти нуктаҳои баёнгардида ва рушди туризм дар Тоҷикистон аз ҷониби Раиси Шӯрои машваратӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи 10-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шуд, ки “якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ, намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва шарикони рушд бо ҷалби коршиносони соҳа оид ба масъалаҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гузаронида, натиҷаҳои он ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯрои машваратӣ пешниҳод карда шавад”.

Бо мақсади иҷрои супориши мазкур, гуруҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм таъсис дода шуда, фаъолияти пурсамар намуд.

Гуруҳи корӣ бо ҷалби шарикони рушд дар самтҳои мухталиф, аз ҷумла: **а)** хизматрасонӣ дар фурудгоҳҳо, дигар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва омӯзиши хадамоти хизматрасонии муштариён; **б)** раводид ва бақайдгирӣ; **в)** иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ; **г)** омор ва маълумот ва **д)** дигар ҷанбаҳои бахши туризм таҳлили ҳамаҷониба гузаронид. Дар бахшҳои зикргардида асосан вазъи кунунӣ ва мушкилоти соҳа мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар заминаи он Модели рушди бахши туризм дар Тоҷикистон бо фарогирии тавсияҳо ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои бахши туристӣ таҳия карда шуд. Дар асоси тавсияҳои пешниҳодгардида, лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардид.

Ҳуҷҷати таҳлилии “Модели рушди бахши туризм дар Тоҷикистон: таҳлил ва тавсияҳо” аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодоти аъзои дигари гуруҳи корӣ, бахши хусусӣ ва гуруҳи кории шарикони рушд омода карда шуд. Инчунин дар ҳуҷҷати таҳлилӣ натиҷаҳои таҳлили рушди бахши туризм дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ба инобат гирифта шудаанд.

Фаъолияти гуруҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм аз ҷониби як қатор шарикони рушд, аз ҷумла Сафорати Британияи Кабир дар Тоҷикистон, Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва Дафтари Ҳамкориҳои Швейтсария дастгирӣ карда шуд.

Ҳуҷҷати таҳлилии “Модели рушди бахши туризм дар Тоҷикистон” бо тавсияҳои мушаххас ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун натиҷаи пурсамари корҳои анҷомгардида дар ҷаласаи дувоздаҳуми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, ки дар таърихи 13 декабри соли 2013 баргузор гардид, муаррифӣ карда шуданд.

Тибқи супориши протоколии ҷаласаи 12-уми Шӯро, Котиботи Шӯро якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризмро бо вазорату идораҳои марбута мувофиқа намуд, ба баррасии Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод кард.

Бо хушнудӣ ба маълумоти Шумо мерасонем, ки Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.

Тибқи пешгӯии коршиносон татбиқи пурраи Нақшаи чорабиниҳои тасдиқгардида саҳми мустақими бахши туристиро дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар то соли 2020 то ба 5 фоиз ва саҳми ғайримустақими онро барои рушди соҳаҳои дигари иқтисодиёт то 15 фоиз расонида метавонад.

Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ тасмим гирифтааст, ки рӯзҳои наздик Нақшаи чорабиниҳои мазкурро ба доираи васеи бахши хусусӣ, мақомоти давлатӣ ва шарикони рушд муаррифӣ намояд.

## ҚАБУЛИ НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲОИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҲИСОБОТИ “ПЕШБУРДИ СОҲИБКОРӢ”-И БОНКИ ҶАҲОНӢ

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҳукумати мамлакат масъалаи рушди бахши хусусӣ ва ҷалби сармоягузориҳо ба ҳисоб меравад. Бинобар ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати фаъол ва мақсаднокро дар самти беҳтаргардонии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ амалӣ мегардонад, ки ба баланд бардоштани рейтинги ҷолибнокии сармоягузории мамлакат равона карда шудаанд. Дар рафти гузаронидани чунин сиёсат

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории фаъолро бо гуруҳи Ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ амалӣ мегардонад.

Бояд қайд намуд, ки баҳогузории байналмилалӣ, аз ҷумла тибқи ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» барои арзёбӣ намудани натиҷаҳои ислоҳоти гузаронидашуда ва муайян намудани дастовардҳои мамлакатҳо дар натиҷаи ислоҳот саҳми назаррас мегузорад. Зеро тавассути чунин баҳогузорӣ, имконият пайдо мешавад, ки сари вақт камбудиҳои ба миёномада бартараф гардида, мақсади ниҳоии ислоҳот ба даст оварда шавад.

Аз соли 2009 инҷониб Тоҷикистон мавқеи худро дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ ба қадри назаррас беҳтар намуда, дар натиҷаи ислоҳоти татбиқнамудаи Ҳукумати мамлакат дар ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2010-2011 тибқи ҳисоботи мазкур ду маротиба дар қатори 10 кишвари беҳтарини ислоҳотгари олам эътироф карда шуд.

Дар баробари ин, ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои соҳибкорию сармоягузорӣ бояд корҳои зиёде анҷом дода шаванд. Зеро мувофиқи ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» дар соли 2014 дар Тоҷикистон ду ислоҳоти мусбӣ ва як ислоҳоти манфӣ ба қайд гирифта шудааст. Аз ҷумла:

♦ Дастрасӣ ба иттилооти қарзӣ ба қадри назаррас беҳтар гардидааст, ки ин натиҷаи ташкили Бюрои машваратии қарзии Тоҷикистон дар соли 2013 мебошад;

♦ Раванди андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ соддатар ва камхарҷ гардонида шуд, ки ин натиҷаи паст шудани меъёри андоз ба фоидаи корхонаҳо, муттаҳиднамоии андози минималӣ аз даромади корхонаҳо бо андоз аз фоида ва инчунин барҳам додани андоз аз фурӯши чакана ба ҳисоб меравад.

Аммо, чи хеле ки қайд гардид, дар баробари ду ислоҳоти мусбат аз ҷониби мутахассисони ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» дар Тоҷикистон як ислоҳоти манфӣ низ ба қайд гирифта шуд, ки бо мураккаб гардидани раванди ташкили субъектҳои соҳибкорӣ аз ҳисоби зиёд кардани номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои бақайдгирии давлатии корхонаҳо вобаста мебошад. Ин аз паст шудани самаранокии нисбии ислоҳот шаҳодат медиҳад, ки дар натиҷаи он дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» мавқеи Тоҷикистон нисбат ба соли 2013 ду зина поён гардида, дар соли 2014 ҷумҳурӣ мавқеи 143-юмро дар байни 184 мамлакат ишғол намуд.

Дар баробари ин таъкид гардид, ки мувофиқи ҳисоботи мазкур самаранокии мутлақи ислоҳот дар маҷмӯъ баланд шуда, мамлакат ба сатҳи таҷрибаи беҳтарин дар Ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” ду зина, яъне аз 45,12% то 47,52% наздик гардид.

Инчунин тибқи Ҳисоботи мазкур қисми зиёди ислоҳоти бахши андоз ва ҷоринамоии «Равзанаи ягона» оид ба воридоту содирот дар Ҳисоботи соли оянда «Пешбурди соҳибкорӣ» ба инобат гирифта хоҳанд шуд.

Аз ин рӯ, бо мақсади беҳтар намудани нишондиҳандаҳои ҷумҳурӣ дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ, аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бо назардошти фикру мулоҳизаҳои соҳибкорон, мақомоти давлатӣ ва шарикони

рушд лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар Ҳисоботи «Пешбуди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ таҳия карда шуд.

Лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои мазкур як қатор чорабиниҳоро мувофиқи ҳар яке аз даҳ нишондиҳандаҳои "Пешбурди соҳибкорӣ" фаро гирифтааст. Лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани оид ба нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" боназардошти тавсияву пешниҳодоти ҷонибҳо ба ҷаласаи 12-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 13 декабри соли 2013, муаррифӣ карда шуданд.

Мақсади асосии татбиқи Нақшаи чорабиниҳои мазкур беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт тавассути содда гардонидани оғози фаъолияти соҳибкорӣ, дастрас намудани иҷозатҳо, бақайдгирии моликият, дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ, ҳимояи сармоягузорон, маъмурикунонии андоз, аз байн бурдани баъзе монеаҳои сунъӣ ва ғайра башумор меравад, ки сари вақт амалӣ намудани онҳо, дар навбати худ нишондиҳандаҳои байналмилалии мамлакатро ба таври назаррас беҳтар менамояд.

Аз ин рӯ, тибқи супориши протоколии ҷаласаи 12-уми Шӯро, Котиботи Шӯрои машваратӣ якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Тоҷикистон Ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳониро бо вазорату идораҳои марбута мувофиқа намуда, ба баррасии Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод намуданд.

Бо хушнудӣ ба маълумоти Шумо мерасонем, ки Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Тоҷикистон Ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ бо қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд.

Бояд гуфт, ки баланд бардоштани нишондиҳандаҳои кишвар дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ барои вусъат пайдо кардани ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ мусоидат менамояд. Зеро мусаллам аст, ки сармоягузорони хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалии молиявӣ ба кишварҳои беҳтарини ислоҳотгар таваҷҷӯҳи хоса доранд.

Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ тасмим гирифтааст, ки рӯзҳои наздик Нақшаи чорабиниҳои мазкурро ба доираи васеи бахши хусусӣ, мақомоти давлатӣ ва шарикони рушд муаррифӣ намояд.

***Бо эҳтиром,***

***Кормандони Котиботи Шӯрои машваратии наздиПрезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ***

***Нумон Абдуҷаборов - мушовири калони иқтисодӣ, и.в. Роҳбари Котибот***

***Дилшод Одинаев - мушовири иқтисодӣ***

***Манучеҳра Мадҷонова - мушовири иқтисодӣ***

***Сафарбӣ Файзова - ёвари маъмурӣ***